**ПРОТОКОЛИ №48.1**
**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-013-и назди**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

аз 18 декабри 2025 **ш. Хуҷанд**

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар

Раиси шуро: Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ. Маҷлиси шурои диссертатсиониро оғоз менамоем.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.08.2025, №289/шд тасдиқ шудааст, 10 нафар иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред? Пешниҳод шуд, ки ҷаласа оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз гардад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намоед.
Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Шокирзода Шӯҳрат Усмон дар мавзуи «Стратегияи рушди минтақавӣ дар шароити муосир: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ.

**Баромад намуданд:** раиси шуро, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Т.Р. ва аъзои шурои диссертатсионӣ – д.и.и., профессор Бобоҷониён Д.Д., д.и.и., профессор Раҳимов А.М., д.и.и., профессор Исмоилов М.М. дар раванди баррасии масъалаи мазкур суханронӣ намуда, оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Шокирзода Шӯҳрат Усмон дар мавзуи «Стратегияи рушди минтақавӣ дар шароити муосир: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Шокирзода Шӯҳрат Усмон дар мавзуи «Стратегияи рушди минтақавӣ дар шароити муосир: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ, ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:

**Бобоҷониён Д.Д.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ;

**Дадоматов Д.Н.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ;

**Абдуқодирӣ Х.А.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 10 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

**Якдилона ҷонибдорӣ гардид**.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** Ризозода Т.Р.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** Саиджонов С.Ш.